# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ оид ба диссертатсияи номзадии Сабзаева Адиба Саидқуловна дар мавзӯи «Роҳҳои ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ).

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Сабзаева А.С. баррасии роҳҳои ифодаи муносибатҳои хилофӣ, муайян намудани ифодашавии маънои хилоф (дар қисмати аъзои ҷумла-ҳол), бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ, ифодаёбии ҳоли хилоф, дар қолаби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ифода ёфтани муносибатҳои хилофӣ, васоити грамматикии алоқа дар онҳо дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ мебошад. Дар таҳқиқот нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки онҳо дар замони муосир навгонии илмӣ ба шумор мераванд. Мубрамияти кори диссертатсионии мавриди муҳокима бо дарназардошти омилҳои зерини хусусиятҳои аслию услубии муносибатҳои хилофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик муқаррар гардидааст:

- зуҳуроти хусусиятҳои забону услуби ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар забони ҳозираи тоҷик ба таври умумӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд;
- масоили асосии хусусиятҳои грамматикию услубии ифодаи муносибатҳои хилофӣ алҳол низ комилан собит ва таҳқиқ нашудаанд;
-мавқеи ин ё он адиб дар корбурди чунин унсурҳои наҳвӣ низ ба таври даркорӣ муайян карда нашудааст:
-таҳқиқи ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар «Ёддоштҳо» - и С. Айнӣ аҳамияти калон дорад, чунки дар асар бисёр масъалаҳои баҳамзидди фардӣ ва иҷтимоию сиёсии ҷамъияти феодалии Бухоро тасвир гардидааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи васею пурраи масъалаи хусусиятҳои наҳвии ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар эҷодиёти С. Айнӣ, хоса аз рӯйи маводи «Ёддоштҳо» ба имконияти забон, аз ҷумла восита ва роҳҳои ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик иртиботи қавӣ дорад.

Диссертатсия ба талаботи банди 10 ва 11-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷаҳои таҳлили диссертатсия дар асоси тазоҳури хусусиятҳои забонию услубии муносибатҳои хилоф дар эҷодиёти шоиру нависандагони алоҳида, пеш аз ҳама, баҳри муайян намудани афкор ва сатҳи

ҷаҳонбинӣ, маҳорати ифодаи андешаҳои он эҷодкор ва инчунин барои аниқ кардани тазодҳои мавҷуда дар амалиёту муҳокимаи қаҳрамонони асари бадеӣ мусоидат менамояд. Инчунин натиҷаҳои илмии бадастомадаи таҳқиқот барои мукаммал намудани курси назариявии наҳви (синтаксиси) забони тоҷикӣ, васеъ таҳқиқ шудани роҳу восита ва усули ифодаи маънои хилоф дар забон, омӯхтани забону сабки баёни адибон, муайян намудани саҳми онҳо дар корбурду тавсеаи роҳу усулу васоити ифодаи маънои хилоф ва ғанӣ сохтани хазинаи илми забоншиносии тоҷик саҳми калоне хоҳад гузошт. Бар замми ин, нахустин бор ба таври алоҳида дар қолаби аъзои ҷумла-ҳол ва дар қолаби ҷумлаи пайрав ифода ёфтани муносибатҳои хилофӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар диссертатсия воситаҳои алоқаи ҳоли хилоф (хусусан пешояндҳо), алоқаи ҳоли хилоф ба хабар бе воситаи грамматикӣ ва ифодаи ҳоли хилоф бо исм, ҷонишин, масдару ибораҳои масдарӣ, сифати феъливу ибораҳои он, таркибҳо ва ҷойи ҳоли хилоф дар ҷумла таҳлил ёфтаанд. Бори нахуст алоҳида ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар қолаби ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави хилоф дар заминаи маводи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ омӯхта мешавад. Ҳамчунин мавқеи пайвандакҳои гуногун дар алоқаманд намудани ҷумлаҳои пайрав дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ба таври ҷуфт истеъмол шудани онҳо, бе пайвандак ба сарҷумла тобеъ шудани ҷумлаи пайрав, ҷойи ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаб низ дар рисола таҳлил ёфтаанд. Дар диссертатсия хусусиятҳои услубии истифодаи ҳоли хилоф ва ҷумлаҳои пайрави хилоф дар асар низ тасвир шудаанд. Нахустин бор ба таври мушаххасу дақиқ муҳити мавқеи пайвандакҳои гуногун дар алоқаманд намудани ҷумлаҳои пайрав дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, ба таври ҷуфт истеъмол шудани онҳо, бе пайвандак ба сарҷумла тобеъ шудани ҷумлаи пайрав, ҷойи ҷумлаи пайрав дар таркиби ҷумлаи мураккаб; ҷумлаҳои хилофмаъно дар таркиби ҷумлаҳои омехта ва сертаркиб низ ҳамчун як ҷузъи асосиву муҳими чунин ҷумлаҳо ва муродифшавии ҷумлаҳои содаи хилофмаъно бо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави хилоф, тобишҳои гуногуни маънои ҷумлаҳои пайрави хилоф дар «Ёддоштҳо» мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Натиҷа ва бозёфтҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

1. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ), ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 6 марти

соли 2018 тахти №33 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2017, тахти №1/3 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия (бо ҳаҷми умумии 1,5 ҷузъи чопӣ) ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 14-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқ мебошад.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сабзаева А.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муалиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) гувоҳӣ медиҳад.

4. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи Сабзаева А.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи мақолаҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 55-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ аз 26 ноябри соли 2016, тахти № 505 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сабзаева Адиба Саидкуловна дар мавзӯи «Роҳҳои ифодаи муносибатҳои хилофӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- **Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филология, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Сино;
- **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва то мактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи давлатии забонҳои ба номи Сотим Улуғзода.

3. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои филология,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Назарзода С.

Аъзои комиссия:
доктори илмҳои филология,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Нозимов А.

доктори илмҳои филология,
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Султонов М.